# ДОВТАЛАБ КАЙ ВА ЧӢ ТАВР БОЯД АЗ ҚАЙД ГУЗАРАД?

**Марҳалаи асосии бақайдгирии** довталабон аз 1-уми март то 15-уми апрел дар нуқтаҳои бақайдгирии шаҳру ноҳияҳои интихобшудаи ҷумҳурӣ сурат мегирад. Дар бораи макони нуқтаҳои бақайдгирӣ тавассути сомонаи Марказ ва расонаҳои хабарӣ маълумот пешниҳод мегардад. Довталаб дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ, дар ҳар нуқтаи бақайдгирие, ки бихоҳад (дар нуқтаи ба макони зисташ наздик ва ё шаҳру ноҳияи дигар), худро сабти ном карда метавонад. Бақайдгирии довталаб бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз ҷониби ӯ дар ҳузураш ба воситаи техника ва технологияи муосир амалӣ мегардад. Ҳамаи маълумоти барои довталаб зарурӣ дар **варақаи бақайдгириаш** (нигаред ба расмҳои 1-ум ва 2-юм) дарҷ гашта, ба ӯ пешниҳод карда мешавад.

Довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ихтисосҳои ба худ писандро дар доираи нақшаи қабули донишҷӯён бо дарназардошти муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи ҳамаи шакл (рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ) ва намуди таҳсил (ройгон, пулакӣ) интихоб карда метавонанд. Довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) ҳам намуди таҳсили ройгон ва ҳам пулакӣ ва аз рӯйи шакли таҳсил танҳо рӯзонаашро интихоб карда метавонанд.

Довталаб дар вақти бақайдгирӣ яке аз забонҳо ва маконҳои имтиҳонсупориро ихтиёран муайян мекунад.

Хотиррасон мекунем, ки ҳангоми бақайдгирӣ дар интихоби ихтисосҳое, ки таълими онҳо дар муассисаи таълимӣ ба якчанд забон аст, довталаб **забони таҳсилро** мушаххас интихоб карда наметавонад. Дар ҷадвали ихтисосҳо ва варақаи бақайдгирӣ забон(ҳо)и таҳсил барои ҳар як ихтисос дар муассисаи таълимӣ нишон дода мешавад. Довталаб он ихтисосҳоеро бояд интихоб кунад, ки забони таълимашонро медонад.

Шахсони зерин ҳуқуқи аз қайд гузаштанро барои иштирок дар ИМД доранд:

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон – хатмкардагони солҳои пеш ва хатмкунандагони соли 2020-уми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум), миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ё миёнаи касбии кишварҳои хориҷиро хатм намуда, ҳуҷҷати тасдиқкунанда ва шаҳодатномаи баробарарзишии ҳуҷҷатҳоро оид ба таҳсилот доранд;
- шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандии сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хатмкарда ё хатмкунандаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ё миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд (танҳо мувофиқи ихтисосҳои таҳсилашон пулакӣ);
- шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандии сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хатмкарда ё хатмкунандаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ё миёнаи касбии хориҷа буда, ҳуҷҷати тасдиқкунанда ва шаҳодатномаи баробарарзишии ҳуҷҷатҳоро дар бораи таҳсилот доранд (танҳо аз рӯйи ихтисосҳои таҳсилашон пулакӣ).

| ! | **Тибқи банди 21-уми “Тартиби тақсимот ва бо ҷои кор таъмин кардани мутахассисони ҷавон”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 2017, № 262 тасдиқ шудааст, мутахассисони ҷавоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ хатм кардаанд, вазифадоранд, ки мувофиқи тақсимоти Комиссия ва роҳхати вазорату идораҳои дахлдор на камтар аз се сол фаъолият кунанд. Бинобар ин онҳо танҳо пас аз се соли кор дипломашонро аз муассисаи таълимии хатмкардаашон гирифта метавонанд ва довталаб пас аз хатми коллеҷ фақат бо пешниҳоди диплом ва замимаи он аз қайд гузашта метавонад.** |
|---|---|

Шахсоне, ки хатмкунанда ё хатмкардаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ буда, дар бораи гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ – синфи 11-ум ҳуҷҷати дахлдор надоранд, танҳо аз муассисаҳои таълимии таҳсилоти **миёнаи касбӣ** ихтисосҳоеро интихоб карда метавонанд, ки қабули донишҷӯён аз рӯйи онҳо фақат дар заминаи таҳсилоти **умумии асосӣ** – **синфи 9-ум** ба роҳ монда мешавад.

| ! | **Хатмкунанда ва хатмкардаҳои курсҳои тайёрии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар ИМД дар асоси талаботи умумӣ иштирок мекунанд.** |
|---|---|

**Барои номнавис кардани довталаб ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:**

1) шиносномаи миллӣ ё маълумотнома бо муҳру сурат аз ШВКД ва нусхаи он – барои шахсоне, ки синнашон ба 16 расидааст (барои шахсони то 16-сола – шаҳодатномаи таваллуд, маълумотнома бо муҳру сурат аз ҷойи зист ва нусхаи онҳо);
2) ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот:
   – маълумотнома (бо муҳр ва сурат) аз муассисаи таълимӣ дар бораи хатмкунандаи синфи 9-ум будан (барои хатмкунандаҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ);
   – маълумотнома (бо муҳр ва сурат) аз муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бораи хатмкунандаи синфи 11-ум будан (барои хатмкунандаҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ);
   – маълумотнома (бо муҳр ва сурат) аз муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар бораи хатмкунанда будан (барои хатмкунандаҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ);
   – маълумотнома (бо муҳр ва сурат) аз муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар хусуси хатмкунандаи гурӯҳи таҳсилаш пулакӣ будан (барои хатмкунандаҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ);
   – аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва нусхаи он (барои онҳое, ки синфи 9-умро хатм намудаанд);
   – аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нусхаи он (барои онҳое, ки синфи 11-умро хатм кардаанд);
   – диплом ва замимааш дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва нусхаи онҳо (барои онҳое, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро хатм кардаанд);
   – диплом ва замимааш дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва нусхаи онҳо (барои онҳое, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбиро хатм намудаанд);
3) расид (квитансия)-и пардохти маблағ аз яке аз филиалҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк”. Ҳаҷми маблағ – арзиши хизматрасониро Марказ ҳар сол, то оғози давраи бақайдгирӣ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

4) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи имтиёзҳо (агар дошта бошад):
– маълумотномаи силсиладор дар бораи маъюби гурӯҳи 1-ум ё 2-юм ё “кӯдаки маъюб” будани довталаб, ки Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст ва нусхаи аз ҷониби ин мақомот тасдиқшудаи ҳуҷҷати мазкур (агар тибқи хулосаи хадамоти мазкур барои онҳо аз рӯйи ихтисосҳои интихобкардаашон таҳсил манъ карда нашуда бошад);
– хатти вафоти падар ва модар, шаҳодатнома дар бораи таваллуди довталаб ва нусхаҳои нотариалӣ тасдиқшудаи ин ҳуҷҷатҳо – барои ятимони кулли то 21-сола;
– қарори мақоми васояту парастории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳияи дахлдор дар бораи бепарастор будани довталаб ва ҳуҷҷат (маълумотнома бо мухр) дар ин бора аз мақомоти мазкур – барои бепарасторони то 21-сола;
– хатти вафоти падар ё модар, шаҳодатнома дар бораи таваллуди довталаби то 21-сола ва нусхаи нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои мазкур – барои фарзанди хизматчии ҳарбие, ки ҳангоми иҷрои уҳдадории хизмати ҳарбӣ ҳалок гардидааст ё ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ маъюб ё бемор шуда, бар асари он фавтидааст. Дар хатти вафот бояд сабаби вафот мушаххас нишон дода шуда бошад;
– тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ғолибият дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ё байналмилалӣ (барои онҳое, ки ҷойи 1-ум, 2-юм ё 3-юмро ишғол намудаанд);
– тавсияномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ғолибият дар озмун ё фестивалҳои тахассусии ҷумҳуриявӣ ё байналмилалии соҳаи санъат ва фарҳанг;
– билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи муваққатӣ ва нусхаи он (барои шахсони хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра адокарда);
– шаҳодатнома дар бораи дорандаи яке аз унвонҳои “Устоди варзиши дараҷаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Устоди шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон” ё дараҷаи “Номзад ба устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон” будани довталаб ва нусхаи он, ба шарте ки шаҳодатномаро яке аз мақомоти зерин дода бошад:
  - ✓ Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (собиқ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);
  - ✓ Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе;
  - ✓ Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд;
  - ✓ Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон;
  - ✓ Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши ВМКБ;
  - ✓ Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон.

Ҳангоми бақайдгирӣ довталаб, дар баробари ҳуҷҷатҳои дахлдори зикршуда, маълумоти дигари зарурӣ, аз ҷумла рӯйхати комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкарда, иттилоотро дар бораи макон ва забони имтиҳонсупорӣ ба бақайдгиранда бояд пешниҳод кунад.

Пас аз бақайдгирӣ ба довталаб варақаи бақайдгирӣ дода мешавад, ки довталаб бояд маълумоти онро бодиққат хонда, дар сурати дуруст ҳисобидани маълумот онро бо имзо тасдиқ намояд. Дар варақаи бақайдгирӣ маълумоти инфиродии довталаб, комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкарда, макон ва забони имтиҳонсупорӣ, рақами назоратӣ ва рамзи муваққатӣ барои ворид шудан ба кабинети инфиродӣ ва ғайра дарҷ

мегардад. Дар давоми то 3 рӯзи пас аз бақайдгирӣ кабинети инфиродии довталаб фаъол мегардад. Оид ба тарзи истифодаи кабинети инфиродӣ дар бахши “Кабинети инфиродӣ” маълумоти бештар оварда шудааст. Инчунин, пас аз бақайдгирӣ ба довталаб “Ёддошт барои довталаб”, ки иттилооти зарурӣро дар бораи раванду марҳалаҳои пас аз бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар бар мегирад, дода мешавад. Довталаб онро бо худ гирифта, бояд ҳатман пурра хонад ва мувофиқи дастуроташ амал кунад.

Дар низоми ИМД ба довталаб ҳуқуқ дода мешавад, ки баъди бақайдгирӣ маълумоти инфиродӣ ё интихобҳояшро дар марҳалаи азнавбақайдгирӣ тағйир диҳад. Азнавбақайдгирии довталабоне, ки дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ (аз 1-уми март то 15-уми апрел) номнавис шудаанд, дар ду марҳала – асосӣ ва иловагӣ гузаронида мешавад. Вобаста ба ин, ба чунин довталабоне, ки маълумоти инфиродӣ ё интихобҳояшонро тағйир додан мехоҳанд, зарур аст, ки дар марҳалаи асосӣ ё иловагии азнавбақайдгирӣ худро аз нав сабти ном кунанд.

Довталаб барои аз нав номнавис шудан дар **марҳалаи асосии азнавбақайдгирӣ** аз **16-ум то 30-юми апрел** ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва расидро дар бораи пардохти маблағи иловагӣ бояд пешниҳод кунад. Барои ин довталаб ба нуқтаи бақайдгирие, ки дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ худро дар он сабти ном кардааст, бояд ҳозир шавад.

**Марҳалаи иловагии азнавбақайдгирӣ** барои довталабоне, ки хоҳиши иваз кардани гурӯҳи ихтисосҳо ва (ё) комбинатсияҳои ихтисосҳо ё маълумоти дигарро доранд, **аз 10-ум то 30-юми июн танҳо дар шаҳри Душанбе** бо пардохти маблағи пурраи бақайдгирӣ ба роҳ монда мешавад. Ин гурӯҳи довталабон имтиҳонҳоро дар даври иловагӣ, ки аз рӯйи қисмҳои А ва Б рӯзи 12-уми июл танҳо дар марказҳои имтиҳонии шаҳри Душанбе баргузор мегардад, месупоранд.

**Барои азнавбақайдгирӣ аз довталаб ин ҳуҷҷатҳо талаб карда мешавад:**

1) шиносномаи миллӣ ё маълумотнома бо муҳру сурат аз ШВКД ва нусхаи он – барои шахсоне, ки синнашон ба 16 расидааст (барои шахсони то 16-сола – шаҳодатномаи таваллуд, маълумотнома бо муҳру сурат аз ҷойи зист ва нусхаи онҳо);
2) варақаи бақайдгирии марҳалаи асосии бақайдгирӣ;
3) расид аз яке аз филиалҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” оид ба пардохти:
   - маблағи **иловагӣ** (барои марҳалаи асосии азнавбақайдгирӣ – аз **16-ум то 30-юми апрел**);
   - маблағи **пурра** (барои марҳалаи иловагии азнавбақайдгирӣ – аз **10-ум то 30-юми июн**).

Баъди азнавбақайдгирӣ ба довталаб **варақаи бақайдгирии нав** дода мешавад, ки довталаб бояд маълумоти дар он дарҷгаштаро низ бодиққат хонда, дар сурати дуруст ҳисобидани маълумот онро бо имзо тасдиқ намояд.

Марказ барои онҳое, ки ҳангоми марҳалаи асосии бақайдгирӣ (**аз 1-уми март то 15-уми апрел**) аз қайд гузашта натавонистаанд, аз ҷумла шахсоне, ки дар ин давра дар муҳоҷирати меҳнатӣ берун аз кишвар қарор доштанд ё дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекарданд, **марҳалаи иловагии бақайдгириро** ба роҳ мемонад. Марҳалаи иловагии бақайдгирӣ аз **10-ум то 30-юми июн** танҳо дар шаҳри Душанбе гузаронида мешавад.

Довталабоне, ки дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ номнавис мешаванд, дар марҳалаи иловагии бақайдгирӣ ҳуқуқи иштирок карданро надоранд. Баъд аз анҷоми марҳалаи иловагии бақайдгирӣ ҳуҷҷат қабул карда намешавад.

**Барои марҳалаи иловагии бақайдгирӣ ҳамон ҳуҷҷатҳое, ки дар бахши марҳалаи асосии бақайдгирӣ номбар карда шуд, бояд пешниҳод карда шаванд.**

> **!** **Бақайдгирии довталабон, новобаста аз муассисаи таълимӣ, шакл ва намуди таҳсили интихобкардаашон, танҳо дар мӯҳлатҳои муқарраршуда мегузарад.**

> **!** **Агар довталаб пас аз бақайдгирӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ё рақами телефони мобилиашро иваз кунад ё дар қайди ному насабаш ғалат роҳ ёфта бошад, дар ин хусус бояд сари вақт (то эълони натиҷаҳои имтиҳонҳо) ба Марказ ариза пешниҳод намояд.**

> **!** **Азнавбақайдгирии довталабоне, ки дар марҳалаи иловагии бақайдгирӣ номнавис шудаанд, бо раванди ин марҳалаи бақайдгирӣ дар як вақт ба роҳ монда мешавад.**

> **!** **Агар довталаб забони имтиҳонсупориро русӣ интихоб карда бошад, дар варақаи бақайдгириаш маълумоти бахши “Имтиҳонҳо” ба забони русӣ дода мешавад.**

Довталабоне, ки ихтисосҳоро аз филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва ё Донишгоҳи Осиёи Марказӣ интихоб кардан мехоҳанд, бояд дар ин муассисаҳо **низ** бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурии муайянкардаи муассисаҳои мазкур **номнавис карда шаванд**. Мӯҳлати бақайдгириро худи ин муассисаҳо муқаррар мекунанд. Довталабони ихтисосҳоро аз филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе интихобкарда дар худи ин филиал ва ихтисосҳои Донишгоҳи Осиёи Марказиро интихобнамуда дар нуқтаҳои бақайдгирие, ки донишгоҳи мазкур ташкил менамояд (нигаред ба ҷадвали 5-ум), ба қайд гирифта мешаванд.

Ҷадвали 5

**Нуқтаҳои бақайдгирии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ барои довталабоне, ки ихтисосҳои ин донишгоҳро интихоб кардан мехоҳанд**

| Р.т. | Макон | Нишонӣ | Рақами телефон |
|---|---|---|---|
| 1. | Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (маркази таълимӣ) | шаҳри Душанбе, хиёбони Дӯстии халқҳо, 47А | (37) 224-58-23, (93) 999-99-64 |
| 2. | Дафтари “Барномаи ҷонибдории инкишофи манотиқи кӯҳистон” | шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 203Б | (92) 764-49-18 |
| 3. | Ташкилоти ҷамъиятии “Инъом” | шаҳри Бӯстон, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, 13 | (93) 578-20-89 |
| 4. | Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (маркази таълимӣ) | шаҳри Бохтар, кӯчаи Ваҳдат, 31А | (3222) 2-39-23, (93) 999-99-64 |
| 5. | Донишгоҳи Осиёи Марказӣ | шаҳри Хоруғ, кӯчаи Қиматшо Имматшоев, 155 | (93) 999-99-64, (93) 999-99-65 |
| 6. | Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (маркази таълимӣ) | шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ленин, 126 | (3522) 2-22-77, (93) 999-99-64 |

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ – 2020

# ИМД - 2020

## ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ ДОВТАЛАБ

| Рақами назоратӣ | |
|---|---|

| Пардохти маблағ | | | |
|---|---|---|---|
| миқдор | силсила ва рақами расид | санаи пардохт | филиали БДА ЧТ «Амонатбонк» |
| | | | |

| Маълумоти шахсӣ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Номи пурра | | | | | | |
| Санаи таваллуд | | Ҷинс | | Миллат | | |
| Шиноснома | рақам | санаи додан | анҷоми эътибор | мақоми шиносномадиҳанда | | |
| | | | | | | |

Расм

| Маълумот барои алоқа | | | |
|---|---|---|---|
| Ҷойи истиқомат (тибқи шиноснома) | | | |
| Мамлакат (кишвар) | | Ноҳия/шаҳр | |
| Телефони мобилӣ | | Телефони хона | |
| Почтаи электронӣ (e-Mail) | | | |

| Маълумот дар бораи таҳсилот | | | |
|---|---|---|---|
| Муассисаи таълимӣ (мактаб) | | | |
| Макони муассисаи таълимӣ | | Забони таҳсил | |
| Аттестат (диплом/гувоҳнома) | | Соли хатм | |

| Дастовард(ҳо) | Имтиёз(ҳо) | | | | | Маъюбӣ: ☐ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ☐ | Хизмати ҳарбӣ: ☐ | Нимятим: ☐ | Ятими кул: ☐ | Бепарастор: ☐ | Имтиёзи дигар: ☐ | |

| Ихтисосҳои интихобкарда | |
|---|---|
| Гурӯҳи ихтисосҳо | |

| № | Ихтисос (рамз ва ном) | Муассисаи таълимӣ (ном ва макони ҷойгиршавӣ) | Шакли таҳсил | Намуди таҳсил | Забони таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |
| 6. | | | | | |
| 7. | | | | | |
| 8. | | | | | |
| 9. | | | | | |
| 10. | | | | | |
| 11. | | | | | |
| 12. | | | | | |

| Имтиҳонҳо | | | |
|---|---|---|---|
| Қисми А (*дар заминаи синфи 11*) | | | |
| Қисми Б (*дар заминаи синфи 9*) | | | |
| Қисми В (*эҷодӣ ва маҳорати махсус*) | | | |
| Қисми Г (*иловагии тахассусӣ*) | | | |
| Забони имтиҳонсупорӣ | | Макони имтиҳонсупорӣ | |
| Забони хориҷии интихобгардида | | Макони фиристодани даъватнома | |

- - - - - - - - - - - - - - - - хатти бурищ - - - - - - - - - - - - - - - -

| Рамзи муваққатии кабинети инфиродӣ (cabinet.ntc.tj) | |
|---|---|

**Расми 1.** Пеши варақаи бақайдгирӣ

**ДОВТАЛАБ:**

*Бо гузоштани имзо **тасдиқ мекунам**, ки маълумоти дар варақаи бақайдгирӣ дарҷгардида оид ба иштироки ман дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) – 2020 **дақиқ ва дуруст аст.** Аз моҳият ва хусусияти асосии низоми ИМД ва маълумоти зерин **огоҳам:***

- ✓ *дар ҳолати интихоби **ихтисосҳои таҳсилашон пулакӣ** (маблағи солонаи таҳсил дар ин варақа нишон дода шудааст) **имкони пардохти маблағи таҳсилро дорам**;*
- ✓ ***раванди тақсимот** аз рӯйи комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаам ва **бартарии онҳо** (аз интихоби 1-ум то 12-ум бо навбат) **тибқи озмун** амалӣ мегардад;*
- ✓ ***маълумоти муфассал** оид ба иштироки ман дар ИМД (нусхаи варақаи бақайдгирӣ, даъватнома, варақаи ҷавобҳо; хол ва балҳои бадастовардаам, натиҷаи озмуни тақсимот ва ғайра) дар **кабинети инфиродиям** дастрас мегардад.*

***<u>Огоҳона арз мекунам</u>**, ки:*

- ✓ ***маълумоти шахсӣ**, **маълумот дар бораи имтиҳонҳо** ва **ихтисосҳои интихобкардаам** вобаста аз муассисаҳои таълимӣ ва макони ҷойгиршавии онҳо, шаклу намуд ва забони таҳсил аз рӯйи бартарияшон дар варақаи бақайдгирӣ **дуруст интихоб ва қайд шудааст**. Интихоби ихтисосҳо ва бартарии онҳо, пешниҳоди маълумоти шахсӣ, гузоштани изи ангуштон аз ҷониби ман ихтиёран ба амал омадааст. Барои коркарди ҳамаи ин маълумот дар доираи ИМД **розиям**;*
- ✓ ***«Ёддошт барои довталаб»**-ро гирифтам. Онро ҳатман **хонда**, аз рӯйи он **амал мекунам**;*
- ✓ ***падару модар (парасторон)-амро** бо варақаи бақайдгириям **ҳатман шинос мекунам**;*
- ✓ *бо **номгӯйи бемориҳое**, ки **шахсони** ба онҳо гирифтор **ҳуқуқи** дар муассисаҳои таълимии тиббӣ таҳсил карданро **надоранд**, **шинос шудам ва медонам**, ки дар ҳолати номувофиқ будани интихобҳои довталаби гирифтори яке аз ин бемориҳо ба вазъи саломатиаш муассисаи таълимӣ ҳуқуқи қабули ӯро надорад;*
- ✓ ***варақаи бақайдгирӣ** дар асоси маълумоти пешниҳодкардаам **дуруст пур карда шудааст**. Онро ман **ихтиёран** ва бақайдгиранда ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ба имзо расонидаем. **Маълумот дар варақа дуруст аст**. Нисбат ба амалҳои тибқи тартиби ИМД иҷрошаванда **даъво нахоҳам дошт**.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Имзои довталаб | |
| БАҚАЙДГИРАНДА | | Имзои бақайдгиранда | |
| Нуқтаи бақайдгирӣ | | Санаи бақайдгирӣ | |

**Расми 2.** Паси варақаи бақайдгирӣ

**Матни зеринро, ки дар паси варақаи бақайдгирӣ оварда мешавад, пеш аз имзо кардан бодиққат хонед:**

*Бо гузоштани имзо **тасдиқ мекунам**, ки маълумоти дар варақаи бақайдгирӣ дарҷгардида оид ба иштироки ман дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) – 2020 **дақиқ ва дуруст аст.** Аз моҳият ва хусусияти асосии низоми ИМД ва маълумоти зерин **огоҳам:***

- ✓ *дар ҳолати интихоби **ихтисосҳои таҳсилашон пулакӣ** (маблағи солонаи таҳсил дар ин варақа нишон дода шудааст) **имкони пардохти маблағи таҳсилро дорам**;*
- ✓ ***раванди тақсимот** аз рӯйи комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаам ва **бартарии онҳо** (аз интихоби 1-ум то 12-ум бо навбат) **тибқи озмун** амалӣ мегардад;*
- ✓ ***маълумоти муфассал** оид ба иштироки ман дар ИМД (нусхаи варақаи бақайдгирӣ, даъватнома, варақаи ҷавобҳо; хол ва балҳои бадастовардаам, натиҷаи озмуни тақсимот ва ғайра) дар **кабинети инфиродиям** дастрас мегардад.*

***<u>Огоҳона арз мекунам</u>**, ки:*

- ✓ ***маълумоти шахсӣ**, **маълумот дар бораи имтиҳонҳо** ва **ихтисосҳои интихобкардаам** вобаста аз муассисаҳои таълимӣ ва макони ҷойгиршавии онҳо, шаклу намуд ва забони таҳсил аз рӯйи бартарияшон дар варақаи бақайдгирӣ **дуруст интихоб ва қайд шудааст**. Интихоби ихтисосҳо ва бартарии онҳо, пешниҳоди маълумоти шахсӣ, гузоштани изи ангуштон аз ҷониби ман ихтиёран ба амал омадааст. Барои коркарди ҳамаи ин маълумот дар доираи ИМД **розиям**;*
- ✓ ***«Ёддошт барои довталаб»**-ро гирифтам. Онро ҳатман **хонда**, аз рӯйи он **амал мекунам**;*
- ✓ ***падару модар (парасторон)-амро** бо варақаи бақайдгириям **ҳатман шинос мекунам**;*
- ✓ *бо **номгӯйи бемориҳое**, ки **шахсони** ба онҳо гирифтор **ҳуқуқи** дар муассисаҳои таълимии тиббӣ таҳсил карданро **надоранд**, **шинос шудам ва медонам**, ки дар ҳолати номувофиқ будани интихобҳои довталаби гирифтори яке аз ин бемориҳо ба вазъи саломатиаш муассисаи таълимӣ ҳуқуқи қабули ӯро надорад;*
- ✓ ***варақаи бақайдгирӣ** дар асоси маълумоти пешниҳодкардаам **дуруст пур карда шудааст**. Онро ман **ихтиёран** ва бақайдгиранда ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ба имзо расонидаем. **Маълумот дар варақа дуруст аст**. Нисбат ба амалҳои тибқи тартиби ИМД иҷрошаванда **даъво нахоҳам дошт**.*

**! Шумо бояд:**

1) аз рӯйи имкон то бақайдгирӣ дар вохӯриҳо бо намояндагони Марказ, мутахассисони соҳаҳои дахлдор ва “Рӯзи дарҳои кушод”-и муассисаҳои таълимӣ вобаста ба ИМД иштирок намоед;
2) ҳуҷҷатҳои зарурию, аз ҷумла барои гирифтани имтиёзҳо (агар дошта бошед), сари вақт омода созед;
3) аз сомонаи Марказ **(www.ntc.tj)** ҳамеша истифода кунед;
4) барои осонии кори худ ҳатман почтаи электронӣ кушоед;
5) пас аз номнавис шуданатон дар нуқтаи бақайдгирӣ “Ёддошт барои довталаб”-ро гирифта, ҳатман онро хонед ва аз рӯйи он амал кунед;
6) рақами телефони мобилиеро, ки ҳангоми бақайдгирӣ дар варақаи бақайдгирӣ сабт мегардад, то анҷоми раванди ИМД фаъол нигоҳ доред, зеро дар ҳолати кор накардани он Марказ барои расонидани маълумоти зарурӣ бо Шумо алоқа карда наметавонад;
7) барои тайёрӣ ба имтиҳонҳо аз маҷмӯаҳои саволу масъалаҳои тест, ки Марказ омода кардааст, истифода баред. Дар ИМД-2020 дар ҳар субтест то 40 %-и саволу масъалаҳои тест аз ҳамин маҷмӯаҳо истифода мешавад. Ин маҷмӯаҳо дар сомонаи Марказ гузошта мешаванд;
8) ихтисосҳо, муассисаҳои таълимӣ ва бартарии интихоби онҳоро (бо тартиби интихоб аз 1-ум то 12-ум) то бақайдгирӣ муайян кунед;
9) ҳангоми бақайдгирӣ дар интихоби ихтисосу муассисаҳои таълимӣ ва макони онҳо, шакли таҳсил (барои довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоии касбӣ ё миёнаи касбӣ – рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва барои довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) – танҳо рӯзона) ва намуди таҳсил (ройгон, пулакӣ), макон ва забони имтиҳонсупорӣ бодиққат бошед, то ки ғалат накунед;
10) ба маълумоти варақаи бақайдгирӣ диққати ҷиддӣ дода, дар сурати дуруст ҳисобидани маълумот онро бо имзо тасдиқ намоед;
11) пас аз номнависӣ иваз кардани рамзи муваққатии воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ ва ба он дохил шуданро фаромӯш накунед. Аз кабинети инфиродиатон самаранок истифода намоед. Рақами назоратӣ ва рамзи воридшавиро ба кабинети инфиродии худ дар хотир нигоҳ доред;
12) то эълони натиҷаи имтиҳонҳо ва тақсимот ба муассисаҳои таълимӣ варақаи бақайдгириро гум накарда, бо худ нигоҳ доштанатон зарур аст;
13) талаботи амнияти иттилоотро риоя намоед ва хусусан рақами назоратӣ ва рамзро барои воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ аз ёд карда, онро махфӣ нигоҳ доред.

**Ҳангоми интихоби ихтисосҳо тартибу қоидаи онро риоя намоед: агар ихтисосҳо, намуд ё шакли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба Шумо писанд ва ё ба имкониятҳои молиявиатон мувофиқ набошанд, ё аз рӯйи ихтисосҳо забони таҳсили мехостаатон тибқи нақшаи қабул пешбинӣ нагардида бошад, онҳоро интихоб накунед. Зеро агар ихтисос ё муассисаи таълимии бароятон номувофиқ ё нописандро интихоб карда, дар озмуни тақсимот комёб шаведу баъдан аз таҳсил даст кашед, ин амалатон сабаби холӣ мондани ҷойҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва ҷабр ба баъзе аз шахсони дигар мегардад (зеро барномаи компютерӣ метавонист ба ин ҷойи холӣ довталаби дигареро, ки ин комбинатсияи ихтисосро интихоб кардааст, тақсимот намояд).**

**Агар довталаб аз таҳсил дар ҷойе, ки тибқи озмуни тақсимот ба он гузаштааст, даст кашад, ҳуқуқи даъво карданро барои тақсимот аз рӯйи ихтисоси дигари интихобкардааш надорад. Ин довталаб ҳаққи дар озмуни тақсимоти такрорӣ низ иштирок карданро надорад.**